**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Таҳсилоти муосири имрӯза дар марҳилаи таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ ва омӯзгорон барои татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф вазифаҳои муҳим гузошта шудаанд.

Яке аз вазифаҳое, ки назди низоми маориф меистад, ин дар шароити рушди босуръати техника ва технология, зуҳури илм, тағйирпазирии талаботи бозори меҳнат, пайдоиш ва инкишофи зеҳни сунъӣ омода намудани хонандагоне мебошад, ки онҳо қобилияти тафаккури эҷодӣ ва ғайримуқаррарӣ дошта бошанд.

Барои ноил гаштан ба ин мақсад дар раванди омӯзиши фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин, истифода намудани мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мебошад.

Мавзуи диссертатсионии унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич низ ба мавзуъи: «Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ» бахшида шудааст, ва аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дорои аҳамияти муҳим мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии** унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич ба талаботи замон мувофиқ буда, бо вазифаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, аз ҷумла ба татбиқи амалии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» мувофиқ мебошад. Муаллиф дар муқаддимаи рисола оид ба мубрамии масъалаи мазкур, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, усули пажӯҳиш ва сарчашмаи мавод, навовариҳои он, аҳамияти назариву амалии рисола, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва коркарду татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро мулоҳизаронӣ намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотҳои баргузоргардида нишон медиҳанд, ки яке аз воситаҳои ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон дар дарсҳои математика истифодаи маводи таърихӣ мебошад. Дохил кардани маводи таърихӣ дар раванди машғулиятҳои дарсӣ ва берунázсинфии математика ба рушди таваҷҷӯҳи маърифатӣ ба математика, ташаккули заминаҳои ҷаҳонбинии илмӣ, таъмини азхудкунии пурраи истилоҳоти математикӣ, муносибати арзишӣ ба донишҳои математикӣ, тарбияи ахлоқӣ-ватанпарварӣ ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.

Математикони асримиёнагии Шарқ, ба монанди Алхоразмӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Баҳоваддин Омулӣ, Умари Хайём, Насируддини Тӯсӣ, Қозизодаи Румӣ, Муҳаммад Наҷмуддинхон,

Алкошӣ, Алии Қушчӣ ва дигарон дар рушди илмҳои математика, геометрия, арифметика, тригонометрия, астрономия ва дигар фанҳо саҳми назаррас гузошта, асарҳои муаллифони пешинаро ҳифз ва ба дигар забонҳо тарҷума намудаанд. Бозёфтҳо ва усулҳои таълиме, ки онҳо истифода мебурданд, хазинаест барои истифода дар раванди таълими имрӯзаи математикаи мактабӣ. Истифодаи мероси таърихӣ ва фарҳангӣ дар дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба афзоиши таваҷҷӯҳи хонандагон ба мавзуъ мусоидат карда, тафаккури эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад ва барои ҳамгироии математика бо дигар илмҳо ва фарҳангҳо шароит хуб фароҳам меорад. Мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ воситаи арзишмандтарин барои баланд бардоштани сифати таълим ва дар рухияи ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагон аст. Он имкон медиҳад, ки дарсҳои математика барои ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ дар хонандагон пурмазмунтар, ҷолибтар ва муфидтар гарданд.

Ҳамин тариқ истифодаи супоришҳо, мисолу масъалаҳои мазмуни таърихию фарҳангӣ дошта ба хонандагон кӯмак мекунад, ки аҳамияти математика ва робитаи амиқи онро бо ҳаёти воқеӣ ва рушди фарҳангии инсоният дарк кунанд

Таҳлили автореферат ва кори диссертатсионии Буриев Бахтиёр Болтаевич нишон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии мавзуъ унвонҷӯ бо асарҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои зиёди олимон ва методистони ватаниву хориҷии соҳаро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Аз тарафи муҳаққиқ **мақсади асосии таҳқиқот** дуруст муайян карда шудааст ва он аз таҳия ва ба таври озмоишӣ санҷидани самаранокии модели дидактикии ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ мебошад. Барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои мазмун, мундариҷа ва шароитҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқро муҳаққиқ дар 5 муассисаи таҳсилоти умумии минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ роҳандозӣ намудааст. Марҳилаҳои асосии таҳқиқот тӯли 10 сол (с.2014– 2024) гузаронида шуда, се марҳиларо дар бар гирифтааст. Объекти таҳқиқот: раванди омӯзиши математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳамчун мавзуи таҳқиқот ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ интихоб гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии муҳақиқ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», се боб, бахши «Хулосаҳо» ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ Буриев Бахтиёр натиҷаҳои санҷишҳои таҷрибавӣ, озмоиши ташаккулдиҳанда ва озмоиши назоратиро, ки пешакӣ мақсаду вазифаҳои онҳо муайян карда шудаанд,

дар диссертатсия ва автореферат дар шакли 1 ҷадвал ва 12 гистограмма ҷой додааст.

Ҳамин тариқ, мо метавонем ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои гузошташударо изҳор кунем, ки фарзияи дар ибтидои тадқиқот пешниҳодшуда аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва амалан тасдиқ карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла: дар баъзе қисматҳои автореферат ғалатҳои ҷумлабандӣ ва имлоӣ дида мешавад (саҳ.26, 27).

Камбудии қайдшуда хусусияти тавсиявӣ ва баъзеи онҳо хусусияти техникиву орфографӣ дорад, (тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) вале ҳеч гоҳ қимати кори илмии иҷрошударо коҳиш дода наметавонанд, баръакс барои такмили мазмуну мундариҷаи он муфид хоҳанд буд ва бо ҳеҷ ваҷҳ арзиши таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

Диссертатсия ва автореферати ба кори илмӣ омодакардаи унвонҷӯ Буриев Бахтиёр Болтаевич дар мавзуи **«Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагон тавассути мероси математикии олимони асримиёнагии Шарқ»** ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267(тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Буриев Бахтиёр Болтаевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01−Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Муқарриз,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, профессори кафедраи
методикаи таълими математикаи
факултети математикаи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ: Маҳкамов М.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121,
Тел: (+992) 935851055. E-mail: Mahkamovm51@mail.ru

Имзои Маҳкамов М. – ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айни Мустафозода А.

18.08.2025